**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи “Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ**

Синни калони томактабӣ дар кӯдакон бо тағйироти босуръати инкишофи ҷисмонӣ, осебпазирӣ, тафаккур, нутқ ва дигар хусусиятҳо давраи ҳасос ба шумор меравад. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон инкишофи назаррас ва ҳалкунандаи майна дар ҳамин давра, вақте ки алоқаҳои асосии асабӣ ташаккул мeёбанд, ба амал меояд. Дар ин давра кӯдак назар ба тамоми ҳаёти минбаъдаи худ ба таври назаррас бештар маълумот ба даст меорад. Сифатҳои асосии шахсияти кӯдак (тафаккур, хотира, таваҷҷӯх, тахайюл, нутқ) низ дар ҳамин давра ташаккули муҳимро аз сар мегузаронад.

Аз ин ҷост, ки масъалаи ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар ҳама даврy замон ва дар ҳамаи соҳаҳои илм: педагогика, психология, забоншиносӣ, этика ва дигар соҳаҳо таваҷҷухи олимонро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои психологӣ – педагогии ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ медиҳад.

Унвонҷӯ Раҳилаи Нураҳмадзода дар кори таҳқиқотии худ ба ин масъалаи мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ пажуҳиш намудааст.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда масоили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дорад.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва хулосаи он нишон додаст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои гузошташуда, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси кори таҳқиқотиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби якум "Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат" зимни таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ қайд мегардад, ки инкишофи нутқи шифоҳӣ дар кӯдакӣ яке аз равандҳои асосии инкишофи инсон ба ҳисоб меравад, зеро забон бузургтарин ва беҳтарин воситаи муошират, ифодаи фикр ва аз худ намудани донишу таҷрибаи ҳаёт маҳсуб меёбад.

Дар боби дуюм "Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули омодагии нутқии кӯдакони 5-7 сола ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ" ташкил гардидаанд. Дар боби мазкур натиҷаи озмоишҳои бо кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ мавриди шиносоӣ бо олами атроф ва адабиёти бадеӣ машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуда, баррасӣ гардидааст.

Дар таҳқиқот хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқаманд, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз паҳлуҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо, вазифа аз фароҳам овардани шароит барои омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ дар кӯдакистон ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ иборат мебошад.

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои кори илмию таҳқиқотӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

Хулоса, кори илмии пешниҳоднамудаи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ»-ро анҷомёфта ҳисобида мешавад. Новобаста аз камбудиҳои ҷузъие, ки дар кор ба назар мерасад мазмуну муҳтавои автореферат ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферратҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров С.Ф.
19.01.2024

**Маълумот барои тамос:**

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Собиров С.Ф.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода